# ТОҶИКИСТОН

## АРЗЁБИИ ҲАРАКАТИ ИБТИДОӢ (АҲИ)
## ДАВРИ 3 – МОҲИ АПРЕЛИ СОЛИ 2024

СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУҲОҶИРАТ (СБМ)
МАТРИТСАИ ПАЙГИРИИ ҲАРАКАТ (МПҲ)

Funded by
the European Union

IOM
UN MIGRATION

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Agency for Development
and Cooperation SDC

Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)
Донишкадаи Глобалии Додаҳо (ДГД)
Taubenstraße 20-22
10117, ш. Берлин
Германия

Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)
Кӯчаи Азизбеков 22А
Душанбе, 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тарки масъулият**

Ин ҳисобот қисме аз натиҷаҳои дастрасшударо дар доираи лоиҳаи «Далелҳои минтақавӣ барои таҳлил ва сиёсати муҳоҷират (REMAP)», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ва лоиҳаи «Барномаи муҳоҷирати меҳнатӣ- Осиёи Марказӣ», ки аз тарафи Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) муштарак маблағгузорӣ мешавад, дар бар мегирад. Ин ҳуҷҷат тавассути кӯмаки молиявии Иттиҳоди Аврупо ва Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (АШРҲ) таҳия шудааст. Андешаҳои дар ин ҷо баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд фикри расмии маблағгузорони дар боло дар боло зикршударо инъикос кунанд.

Андешаҳои дар гузориш баёншуда ба муаллифон тааллуқ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд андешаи Созмони Байналмилалии Муҳоҷиратро (СБМ) инъикос намоянд. Нишонаҳои (аломатҳои шартӣ) истифодашуда ва муаррифии мавод дар ин гузориш маънои баёни ҳар гуна ақидаи СБМ дар бораи мақоми ҳуқуқии ягон кишвар, қаламрав, шаҳр ё минтақа ё мақомоти он, ё дар бораи марзҳо ё ҳудуди онҳоро надоранд.

СБМ ҷонибдори низомест, ки муҳоҷирати инсондӯстона ва муназзам ба манфиати муҳоҷирон ва ҷомеа бошад. Ҳамчун як созмони байниҳукуматӣ, СБМ бо шарикони худ дар арсаи байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд, то ин ки: дар ҳалли мушкилоти амалиётии муҳоҷират мусоидат намояд, барои дарки амиқтари масъалаҳои вобаста ба муҳоҷират саҳм гузорад, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодиро тавассути муҳоҷират ташвиқ намояд, шаъну шарафи инсонӣ ва некӯаҳволии муҳоҷиронро хифз намояд.

Ҳангоми истифодаи ҳама гуна маълумотҳо ва додаҳои ба ин маводи иттилоотӣ дохилшуда иқтибосҳои зерин лозим аст: “Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ), моҳи апрели соли 2024. АРЗЁБИИ ҲАРАКАТИ ИБТИДОИИ (АҲИ) МПҲ. СБМ, Точикистон». Барои маълумоти бештар дар бораи қоидаҳо ва шартҳои маводи иттилоотии МПҲ, лутфан ба ин сомона муроҷиат кунед: https://dtm.iom.int/terms-and-conditions.

© 2024 Созмони Байналмилаллии Муҳоҷират (СБМ)

БАРОИ ТАМОС:
Барои маълумоти иловагӣ, лутфан бо дастаи МПҲ тамос гиред:

mtmtajikistan@iom.int
Facebook.com/iomTajikistan
twitter.com/iom.Tajikistan
instagram.com/iomTajikistan/

# ДАР БОРАИ МПҲ

Матритсаи Пайгирии Ҳаракат (МПҲ) системаест, ки ҳаракати аҳолиро пайгирӣ ва назорат мекунад. МПҲ дар асоси методологияи Матритсаи Пайгирии Глобалии Ҷойивазкунӣ (МПГҶ)-и СБМ ба шароити Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст[1]. МПҲ барои ба таври мунтазам ва мураттаб дастрас, коркард ва паҳн кардани иттилоотҳо бо мақсади фароҳам овардани фаҳмиши беҳтари ҳаракатҳо ва эҳтиёҷоти гурӯҳҳои аҳолии сайёр, хоҳ дар маҳал ва хоҳ дар масир тарҳрезӣ шудааст. МПҲ даври аввали ҷамъоварии маълумотҳоро дар доираи Арзёбии Ҳаракати Ибтидоӣ дар моҳи январи соли 2023, даври дуюми АҲИ-ро дар моҳи августи соли 2023 ва даври сеюмро дар моҳи апрели соли 2024 ба анҷом расонд. МПҲ ба СБМ ва шарикони он ҷиҳати афзоиши захираҳо, муайян намудани афзалиятҳо ва пешниҳоди барномаҳои беҳтари мақсаднок ва бо далелҳо асоснокёфта, ҳаракати ҳассоснок, барномахои устувори башардӯстона ва рушд имконият фароҳам месозад.

## МЕТОДОЛОГИЯ

МПҲ дар Тоҷикистон Арзёбии Ҳаракати Ибтидоиро (АҲИ) бо мақсади пайгирии ҳаракат , пешниҳоди маълумотҳо дар бораи нуфуси аҳолӣ, тақсимоти ҷуғрофии муҳоҷирони меҳнатӣ ва муҳоҷирони бозгашта, сабабҳои муҳоҷират ва кишварҳои бозгашт истифода мебарад. Маълумот дар сатҳи деҳа аз маълумотдиҳандагони калидӣ ва мушоҳидаҳои мустақим ҷамъоварӣ карда мешаванд.

Вақте ки МПҲ як шаҳр ё ноҳияро арзёбӣ мекунад, Энумераторон (мутахассисон оид ба ҷамъоварии маълумотҳо) маълумотҳоро тавассути ду даври арзёбии дуқабата ҷамъ мекунанд:

1. Арзёбӣ дар сатҳи шаҳр/ноҳия (B1): Ҳадафи он муайян кардани деҳаҳое мебошад, ки воридшавӣ ва хориҷшавии шаҳрвандони Тоҷикистон зиёданд ва шумораи тахминии ҳар як категорияи мақсадноки аҳолиро пешниҳод мекунанд.
2. Арзёбӣ дар сатҳи деҳа (B2): Дар асоси натиҷаҳои B1, ин арзёбӣ маълумотро дар бораи воридшавӣ ва хуруҷи ҳар як категорияи мақсадноки аҳолӣ дар ҳар як деҳа, ки тавассути B1 муайян карда шудааст, ҷамъоварӣ мекунад. Деҳаҳои иловагӣ низ дар асоси тавсияҳои иттилооти асосӣ равонасозӣ, муайян ва арзёбӣ мешаванд.

## ПАНҶ ҚИШРИ ҲАДАФНОК

Тавассути Арзёбии Ҳаракати Ибтидоӣ (АҲИ) , МПҲ маконҳо ва андозаи аҳолии панҷ категорияи асосии мақсадноки аҳолиро пайгирӣ мекунад[2]:

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Муҳоҷирони меҳнатии Байналмилалӣ | Шаҳрвандони хориҷие, ки бо мақсади дарёфти кор ба Тоҷикистон омадаанд. |
| 2 | Муҳоҷирони барзгашта | Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки на кам аз 6 моҳ дар хориҷ аз кишвар қарор доштанд ва ба ватан баргаштаанд. |
| 3 | Эмигрант | Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки марзҳои байналмилалиро убур кардаанд ва дар ҳоли ҳозир дар хориҷ аз кишвар ба ҳайси муҳоҷир умр ба сар мебаранд. |
| 4 | Муҳоҷири дохилӣ | Сокинони дигар маконҳои Тоҷикистон, ки дар ҳоли ҳозир ҳамчун муҳоҷирони дохилӣ дар маҳалҳои зисти арзёбишуда зиндагӣ мекунанд. |
| 5 | Эмигранти дохилӣ | Шаҳрвандони Тоҷикистоние, ки аз деҳаи ҷомеаи арзёбишуда , ҳамчун муҳоҷири дохилӣ ба макони дигари дохили Тоҷикистон кӯчидаанд . |

1. Асосҳои Методологияи МПҶ . Манбаи маълумот: https://dtm.iom.int/about/methodological-framework
2. Луғати СБМ. Манбаи маълумот: https://publications.iom.int/system/files/pdf/iml_34_glossary.pdf

# ХУЛОСАИ БОЗЁФТҲОИ АСОСӢ

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 Вилоятхо<br>12 Ноҳияҳо<br>935 деҳаҳо<br>арзёбишуда | 3,459<br>Маълумот диҳандаи калидии мусоҳибашуда | 3,133<br>Муҳоҷирони дохилӣ | 271,059<br>Муҳоҷири хориҷ аз ватан | 299,834<br>Муҳоҷири ба ватан баргашта | 4,010<br>муҳоҷири меҳнатии байналмилалӣ | 261,619<br>Муҳоҷироне, ки ба Федератсияи Русия рафтаанд |

Арзёбии Ҳаракати Ибтидоӣ (АҲИ) дар ҳамаи панҷ вилоят ва 12 ноҳияҳо/шаҳрҳои Тоҷикистон (аз ҷумла ноҳияи Исмоили Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе, шаҳри Ваҳдат, ноҳияи Рӯдакии Ноҳияҳои Тобеи Марказ, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) ба анҷом расонида шуд. Тадқиқоти мазкур 935 деҳаро тавассути гузаронидани 3459 мусоҳибаҳо бо маълумотдиҳандагони калидӣ (асосӣ) фаро гирифт. Дар асоси ҳисобҳои тахминии маълумотдиҳандагон калидӣ, дар маҳалҳои зисти тадқиқотӣ 4010 нафар муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ дар давраи солҳои 2020 то моҳи апрели 2024 сукунат доштанд. Ҳамзамон, 3133 муҳоҷирони дохилӣ дар маҳалҳои зисти тадқиқотӣ ҷойгир шуда буданд ва гузориш дода шуд, ки 271 059 нафар шаҳрванди Тоҷикистон ба ҳайси муҳоҷирони байналмилалӣ дар хориҷа умр ба сар мебаранд ва илова бар ин, 299 834 муҳоҷирони бозгашта аз аз хориҷи кишвар ба ватан баргаштаанд.

# ФАРОГИРИИ ҶУҒРОФӢ




Тарки масъулият: Ин харита танҳо барои тасвир аст. Номҳо ва сарҳадҳои дар ин харита тасвиршуда маънои тасдиқ ё қабули расмии СБМ-ро надоранд.

# МАЪЛУМОТДИҲАНДАГОНИ АСОСӢ (МА)

Мутахассисони саҳроӣ барои ҷамъоварии маълумотҳо, додаҳоро (маълумотҳо) дар сатҳи деҳа, асосан тавассути мусоҳибаҳо бо маълумотдиҳандагони асосии деҳа ҷамъоварӣ мекунанд. Маълумотдиҳандагони асосӣ намояндагони ҳамон деҳае буданд, ки аз ҷониби аъзоёни ҷомеа равонасозӣ шуда буданд, ва метавонистанд дар бораи ҳаракати дохилӣ ва байналмилалӣ дар ҳар як деҳа маълумот диҳанд. Дар даври сеюми ҷамъоварии маълумотҳо 64 дарсади маълумотдиҳандагони асосӣ мардон ва 36 дарсад занон буданд.

Маълумотдиҳандагони асосӣ аз рӯи намуд ва ҷинс



# ҲАРАКАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# ДЕМОГРАФИЯИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## 5 МИЛЛАТҲОИ (КИШВАРҲОИ) АСОСӢ

| | |
|---|---|
| ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ | 2,731 |
| АФҒОНИСТОН | 714 |
| ЧИН | 313 |
| ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО (ИМА) | 166 |
| ҶУМҲУРИИ МОЛДОВА | 23 |

Дар даври сеюми ҷамъоварии маълумот, маълумотдиҳандагони калидии МПҲ танҳо аз 37 деҳа (4% аз ҷомеаҳои арзёбишуда ) мавҷудияти муҳоҷирони меҳнатии байналмилалиро дар ҷомеаҳои худ тасдиқ карданд.

Маълумотдиҳандагони калидӣ ҳузури 4010 муҳоҷири меҳнатии байналмилалиро аз 12 кишвари гуногун дар деҳаҳои худ тасдиқ карданд. Аммо аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ (98%) танҳо намояндагони панҷ миллат буданд. Пас аз Федератсияи Русия, шаҳрвандони Афғонистон дар ҷои дуюм аз ҷиҳати шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар маҳалҳои зисти тадқиқотӣ қарор доранд.

Шаҳрвандони Чин сеюмин кишварро бо шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Ин ба эҳтимоли зиёд тибқи Шартномаҳои сармоягузории дуҷониба байни Ҷумҳурии Халқии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ва ба ширкатҳои чинӣ имкон медиҳад, ки бо истифода аз неруи кории худ лоиҳаҳои гуногунро дар қаламрави Тоҷикистон амалӣ намоянд.

## НАМУД ВА САБАБИ МУҲОҶИРАТ

Мувофиқи ҷавобҳои маълумотдиҳандагони асосӣ, сабабҳои асосии ҳаракати муҳоҷирон ба Тоҷикистон дар соли 2023 хеле фарққунанда буданд ва сабаби асосӣ ин дастрасӣ ба шароити беҳтари корӣ ба ҳисоб меравад. Намуди маъмултарини муҳоҷират – муҳоҷирати дарозмуддат буда ва пас аз он дигар навъи муҳоҷират бо сабаби «номаълум» дар рӯйхати намудҳои маҳоҷират ҷой дорад.

Ҳангоми омӯзиши навъҳои муҳоҷират, таносуби бештар ба муҳоҷирати дарозмуддат (зиёда аз 6 моҳ) (60%), пас аз он муҳоҷирати номаълум (24%) ва муҳоҷирати кӯтоҳмуддат (16%) муайян карда шудаанд

Тавре, ки дар саҳифаи минбаъда оварда шудааст, омилҳои асосии муҳоҷират манзараи мураккаби ангезаҳо ва ҷанбаъҳои гуногунро ошкор кардаанд. Вақте пурсида шуд, ки омилҳо дараҷабандӣ шаванд дар мавриди интихоби Тоҷикистон ҳамчун макони муҳоҷирати меҳнатӣ, дастрасӣ ба шароити беҳтари корӣ ҳамчун омили муҳим арзёбӣ шуд. Наздикии ҷуғрофии Тоҷикистон ва шароити беҳтари зиндагӣ дар Тоҷикистон омилҳои камтар муҳим арзёбӣ шудаанд. Омилҳои боқимонда ҳамчун ғайримуҳим ё тамоман номуҳим номбар карда шудаанд

Навъи Муҳоҷират




*3. Шартномаҳои сармоягузории дуҷониба байни Ҷумҳурии Халқии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (09/03/1993). Манбаи маълумот:* https://investmentpolicy.unctad.org/international-investment-agreements/treaties/bilateral-investment-treaties/980/china---tajikistan-bit-1993-

# ДЕМОГРАФИЯИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Рейтинги омилҳои вуруди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Тоҷикистон дар соли 2023 (хол)**

0 = иртибот надорад, 1 = хеле муҳим, 2 = муҳим нест, 3 = на онқадар муҳим, 4 = муҳим, 5 = хеле муҳим

**3.7** Шароити бехтари корӣ (дастрасии осонтар ба иҷозати корӣ, соатҳои корӣ, даромади баландтар)

**3.3** Дастрасии осонтарин (наздикии ҷуғрофӣ)

**3.1** Шароити беҳтари зиндагӣ

**2.4** Даромади паст дар ватан

**2.3** Кам будани имкониятҳои иқтисодӣ дар ватан

**2.1** Низоъ ва вазъи умумии амният дар ватан

**1.9** Мушкилоти молиявӣ / қарзҳо

**1.6** Поймолсозии ҳуқуқи инсон

**1.6** Таҳримҳои (таназзулҳои) иқтисодӣ (Федератсияи Русия)

**1.5** Масъалаҳои оилавӣ (муттаҳидшавӣ бо оила, издивоҷ ва ғайра)

**1.5** Ҳодисахои/офатҳои табиӣ/тағйирёбии иқлим

**1.4** Сафарбарсозии (ҳарбии) қисман дар Федератсияи Россия

**1.4** Мушкилиҳои вобаста ба тандурустӣ/саломатӣ

# МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ | БА ВИЛОЯТҲО/ МИНТАҚАҲО

Аз лиҳози ҷуғрофӣ, тақсимоти муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ махсусан дар вилояти Хатлон мутамарказ шудааст, ки дар он 57 фоизи шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ дар маҳалҳои зисти тадқиқотӣ қарор гирифтаанд. Ноҳияҳои Тобеи Маркази Тоҷикистон бо 19 дарсад, шаҳри Душанбе бо 12 дарсад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо 9 дарсад ва вилояти Суғд бо 3 дарсад дар ҷои баъдӣ қарор гирифтаанд. Бо таваҷҷӯҳ ба хусусиятҳои сатҳи ноҳия, намоён аст, ки 86 дарсади муҳоҷирони меҳнатӣ танҳо дар се ноҳия ҷамъ шудаанд. Дар байни онҳо ноҳияи Панҷ воқеъ дар вилояти Хатлон, ҷои аввалро ишғол менамояд, ки дар он ҷо 56 дарсади умумии муҳоҷирони байналмилалӣ ҷамъ омадаанд. Ноҳияи Рӯдакӣ (19%) дуюм ва ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе (11%) пас аз он дар рӯйхат ҷой гирифтааст . Ҷамъшавии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ноҳияҳои мушаххас хусусияти маҳаллии шаклҳои муҳоҷиратро таъкид мекунад ва барои мудохилаҳои мақсаднок ва мулоҳизаҳои сиёсӣ замина эҷод мекунад.

Муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ | Ба вилоятҳо/минтақаҳо




### Муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ| Тамоюлҳои солона

Тибқи маълумоте, ки аз ҷониби маълумотдиҳандагони МПҲ пешниҳод шудааст, шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2021 нисбат ба соли қаблии 2020, 8 дарсад афзоиш ёфтааст . Аммо тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон коҳиши нозукеро нишон медиҳад, ки дар соли 2022, 17% пастшавиро нишон медиҳад ва ин тамоюл дар соли 2023, 19% афзоиш ёфтааст. Маълумот барои соли 2024, ки рақамҳои то моҳи апрелро дар бар мегирад, ва то охири сол боз ҳам тамоюли афзоишро нигоҳ медорад ва бо соли қаблӣ муқоиса карда намешавад.

Тибқи маълумоти Маркази байналмилалии рушди сиёсати муҳоҷират (ICMPD)[4], муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ дар Тоҷикистон асосан бо фаъолиятҳои марбут ба сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ-обӣ (гидроэлектрикӣ), лоиҳаҳои инфрасохторӣ, соҳибкорӣ/тиҷорат, савдо ва хизматрасонӣ машғуланд. Бо вуҷуди ин, гузаронидани таҳқиқоти мукаммалтаре барои фаҳмидани ҷузъиёти соҳаҳои гуногуне, ки муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ дар Тоҷикистон иштирок мекунанд, зарур аст.

Муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ| Тамоюлҳои солона




4. Вазъияти (профили) муҳоҷирати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (с.10, с. 2013) Манбаи маълумот: https://www.icmpd.org/file/download/48365/file/Republic%2520of%2520Tajikistan%2520Migration%-2520Profile%2520Light%2520EN.pdf

# ДЕМОГРАФИЯИ МУҲОҶИРОНИ БОЗГАШТА

## 5 КИШВАРҲОИ АСОСИИ БОЗГАШТ

| | |
|---|---|
| ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ | 297,104 |
| ЕВРОПА[5] | 798 |
| ҚАЗОҚИСТОН | 729 |
| ИМА | 394 |
| ГЕРМАНИЯ | 226 |

Дар даври сеюми ҷамъоварии маълумотҳои АҲИ, маълумотдиҳандагони калидии МПҲ аз 862 маҳалҳои зист (92% маҳалҳои зисти тадқиқотӣ) мавҷудияти муҳоҷирони бозгаштаро дар маҳалҳои зисти худ тасдиқ карданд.

Маълумотдиҳандагони калидӣ ҳузури 299 834 муҳоҷирони бозгаштаро аз 20 кишварҳои гуногун дар маҳалҳои зисти тадқиқотӣ тасдиқ карданд. Қобили зикр аст, ки аксарияти ин муҳоҷирони бозгашта аз Федератсияи Русия баргаштаанд, ки 99 дарсади шумораи умумии онҳоро ташкил медиҳанд. Бозгашт аз Аврупо ҳамчун дуввумин самти бозгашт зикр шудааст

Ин тамоюли бартаридоштаи муҳоҷирати бозгаштро пеш аз ҳама аз Федератсияи Русия ҳамчун кишвари асосии таъинот нишон медиҳад ва дар бораи динамикаи шаклҳои муҳоҷират дар дохили маҳалҳои зисти тадқиқотӣ маълумоти муҳимро пешкаш мекунад.

Қазоқистон бо 729 муҳоҷирони баргашта дар ҷои сеюм, ИМА бо 394 муҳоҷирон дар ҷои чаҳорум ва Олмон бо 226 муҳоҷирони бозгашта дар ҷои панҷум қарор гирифтаанд.

### Сабабҳои бозгашт дар соли 2023

Ба иштирокчиёни мусоҳибаҳои гурӯҳи савол дода шуд, ки омилҳои бозгаштро ба Тоҷикистон аз ҷиҳати аҳамиятнокӣ дараҷабандӣ намоянд ва аз рӯи ҷадвали аз 0 («иртибот надорад») то 5 («хеле муҳим») баҳогузорӣ намоянд, маълум шуд ки ба охир расидани мӯҳлат ё гарон будани иҷозатномаи кор бо холи миёнаи 4.4 яке аз сабабҳои муҳимтарин дониста шудааст. Баъд аз ин, ба итмом расидани шартномаҳои корӣ ё вазифаҳо дар кишвари таъиншуда дуввумин сабаби муҳимтарин бо ҳисоби миёнаи 4,3 ҷой гирифтааст. Манъи вуруд (ихроҷшавӣ (депортатсия)) сабаби сеюми муҳимтарин буд, ки аз 5 хол 3,7-ро гирифт.

Масъалаҳои оилавӣ (аз қабили муттаҳидшавии оила ва издивоҷ) ва беқурбшавии пули кишвари таъинот (асосан рубли русӣ) на онқадар муҳим дониста шудаанд, ки бо баҳои миёнаи мувофиқан 3,4 ва 3,2 арзёбӣ шадаанд. Сабабҳои дигар, аз ҷумла бозгашт барои дарёфти имкониятҳои беҳтари корӣ дар Тоҷикистон, таҳримҳои иқтисодӣ дар Федератсияи Русия ва низоъ ва вазъи амнияти умумӣ дар кишвари таъинот, ҳар кадоме бо баҳои миёнаи 2,9 арзёбӣ шудаанд.

Сафарбарсозии қисмани ҳарбӣ дар Федератсияи Русия (2,8), даромади паст дар кишвари бозгашт (2,7), мушкилоти молиявӣ ё қарзҳо (2,7), кам будани имкониятҳои иқтисодӣ дар кишвари бозгашт (2,7) ва поймолсозии ҳуқуқи инсон (2,5) ҳам бо аҳамияти каме пасттар низ ҳамчун омили бозгашт ишора шудаанд.

Омилҳои боқимонда, аз ҷумла баргаштан бо сабаби беморӣи сироятии сил, мушкилоти умумии вобаста ба саломатӣ ва ҳодисаҳои (офатҳои) табиӣ ё тағйирёбии иқлим, ба таври умум ҳамчун ғайримуҳим ё тамоман номуҳим арзёбӣ шудаанд.

*5. Дар баъзе мавридҳо маълумотдиҳандагони асосӣ аз кишвари мушаххаси бозгашт огоҳ набуданд. Дар натиҷа, онҳо одатан "Аврупо"-ро ҳамчун макони бозгашт номиданд.*

# ДЕМОГРАФИЯИ МУҲОҶИРОНИ БОЗГАШТА

**Рейтинги омилҳои бозгашт ба Тоҷикистон дар соли 2023 (хол)**

0 = иртибот надорад, 1 = хеле муҳим, 2 = муҳим нест, 3 = на онқадар муҳим, 4 = муҳим, 5 = хеле муҳим

**4.4**
Патент (мӯҳлати эътибор/қимати баланди иҷозати корӣ)

**4.3**
Анҷоми шартномаи корӣ/вазифаҳо дар ҷои таъинот

**3.7**
Манъи вуруд/ихроҷшавӣ (Депортатсия)

**3.4**
Масъалаҳои оилавӣ (аз нав муттаҳидшавии оила, издивоҷ ва ғ.)

**3.2**
Беқурбшавии асъор (асосан рубли РФ)

**2.9**
Барои дарёфти имкониятҳои (беҳтари) корӣ  дар ватан

**2.9**
Таҳримҳои  иқтисодӣ (Федератсияи Русия)

**2.9**
Низоъ ва вазъияти умумии бехатарӣ дар хориҷа

**2.8**
Сафарбарсозии қисмани ҳарбӣ дар Федератсияи Россия

**2.7**
Даромади паст дар кишвари бозгашт

**2.7**
Мушкилоти молиявӣ / қарзҳо

**2.7**
Кам будани имкониятҳои иқтисодӣ дар хориҷа

**2.5**
Поймолсозии ҳуқуқи инсон

**2.0**
Вазъи саломатӣ (бемории сил (туберкулез)

**2.0**
Масъалаҳои вобаста ба саломатӣ (солимии равонӣ, маъюбӣ ва ғ.)

**1.2**
Ходисаҳои/офатҳои табиӣ/тағирёбии иқлим дар хориҷа

# МУҲОҶИРОНИ БАРГАШТА | БА ВИЛОЯТҲО/МИНТАҚАҲО

Тақрибан ду нафар аз се муҳоҷири бозгашта аз маҳалҳои зисти тадқиқотӣ танҳо ба ду вилоят баргаштаанд: шаҳри Душанбе ва Ноҳияҳои Тобеи Маркази Тоҷикистон (37%). Пас аз он вилоятҳои Халтон (25%), Суғд (1%) ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (1%) қарор доранд.

Тақрибан аз ҳар чор се нафари муҳоҷирон танҳо дар се ноҳия ба маҳалҳои зисти тадқиқотӣ баргаштаанд: 44 фоизи муҳоҷирон ба ноҳияи Рӯдакӣ, воқеъ дар Ноҳияҳои Тобеи Марказ, 17 фоиз ба ноҳияи Панҷ ва 11 фоиз ба шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон баргаштаанд.

Муҳоҷирони баргашта | Ба вилоятҳо/минтақаҳо




**Муҳоҷирони баргашта |Тамоюлҳои солона**

Бар асоси додаҳои маълумотдиҳандагони калидии МПҲ, шумораи умумии муҳоҷирони бозгашта дар соли 2021 нисбат ба соли гузашта, яъне соли 2020 қариб, ки бе тағйир мондааст. Баъдан, дар соли 2022 афзоиши 9% дар муқоиса бо соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.

Дар соли 2023, тамоюл ба болоравии назаррас ба-робар аст, ки дар муқоиса бо соли гузашта 40% афзо-ишро нишон медиҳад. Ин афзоишро метавон қисман ба таҳримҳои ҷорӣ алайҳи Федератсияи Русия ва афзоиши нигарониҳо аз густариши ҷанг дар Украина дар дохили минтақа рабт дод. Интизор меравад, ки маълумотҳо барои соли 2024, ки рақамҳои то моҳи апрелро дар бар мегиранд, то охири сол боз ҳам.

афзоиш ёбад ва аз ин рӯ ҳоло бо соли қаблӣ муқоиса карда намешаванд.

Муҳоҷирони баргашта | Тамоюлҳои солона



# ПРОФИЛИ ДЕМОГРАФӢ ВА ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МУҲОҶИРОН

### 5 КИШВАРҲОИ АСОСӢ БАРОИ МУҲОҶИРАТ

| | |
|---|---|
| ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ | 261,619 |
| ҚАЗОҚИСТОН | 2,059 |
| ЕВРОПА[6] | 1,526 |
| ИМА | 1,227 |
| ОЛМОН | 1,109 |

Дар даври сеюми ҷамъоварии маълумотҳои АҲИ , маълумотдиҳандагони калидии МПҲ аз 773 маҳалҳои зист (83 дарсади маҳалҳои зисти тадқиқотӣ) мавҷудияти шаҳрвандони Тоҷикистонро, ки ҷои истиқомати худро тарк кардаанд ва ҳоло дар хориҷа ҳамчун муҳоҷирон умр ба сар мебаранд, тасдиқ карданд.

Маълумотдиҳандагони асосӣ ийрозх намуданд, ки 271 059 шаҳрвандони Тоҷикистон аз маҳалҳои зисти тадқиқотӣ ба беш аз 25 кишварҳои гуногун муҳоҷират кардаанд. Ҷолиби диққат аст, ки бештари онҳо ба Федератсияи Русия, ки 97 дарсади аҳолии муҳоҷирро дар бар мегирад сафар кардаанд, дар ҷои дуюм Қазоқистон бо 1 дарсади муҳоҷират қарор гирифтааст.

Интихоб шудани Федератсияи Русия ва Қазоқистон ҳамчун самтҳои асосии ҳам муҳоҷират ва ҳам бозгашт дар байни шаҳрвандони тоҷик хусусиятҳои динамикаи муҳоҷиратро бо ин кишварҳо инъикос мекунад. Ин ҳамбастагӣ ба ҳамбастагии печидаи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва геополитикӣ, ки ба динамикаи муҳоҷират дар дохили аҳолии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, ишора мекунад.

### Сабабҳои муҳоҷират (берун аз ватан) аз соли 2023

Ба маълумотдиҳандагони асосии тадқиқот савол дода шуд, ки сабабҳои муҳоҷиратро аз Тоҷикистон аз рӯи аҳамиятнокӣ дараҷабандӣ намуда аз рӯи ҷадвали аз 0 (“иртибот надорад”) то 5 (“хеле муҳим”) арзёбӣ кунанд, даромади паст ва набудани имкониятҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ҳамчун сабабҳои муҳим бо рейтинги 4.2. ҷои аввал ва дуюмро ишғол намуданд. Ҳамзамон, ҷустуҷӯи имкониятҳои (беҳтари) корӣ ва шароити беҳтари зиндагӣ дар кишвари таъинот, сеюм ва чаҳоруми муҳимтарин сабабҳо интихоб шуданд, ки ҳар кадоми онҳо ба ҳисоби миёна 3,8 хол гирифтаанд.

Мушкилоти молиявӣ/қарзҳо дар Тоҷикистон ва гирифтани шартномаи корӣ ё вазифаҳо дар кишвари таъинот на он қадар муҳим дониста шудаанд ва баҳои миёнаи 3,3 ва 3,2 мувофиқан гирифтаанд. Дигар сабабҳо, аз ҷумла масъалаҳои оилавӣ (пайвастшавӣ бо оила дар ҷои дигар, издивоҷ ва ғайра) ва вазъи умумии иқтисодӣ/беқурбшавии асъор дар Тоҷикистон, ҳар кадоми онҳо рейтинги миёнаи 2,7 холро гирифтаанд.

Омилҳои боқимонда, аз ҷумла муҳоҷират бо сабаби таҳсил, муолиҷа, таҳримҳои иқтисодӣ (Федератсияи Русия), муноқишаҳо ва вазъи умумии амният, офатҳои табиӣ/тағйирёбии иқлим ва поймолсозии ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, ба таври умум номуҳим ё тамоман номуҳим арзёбӣ шудаанд.

*6.Дар баъзе мавридҳо маълумотдиҳандагони асосӣ аз кишвари мушаххаси бозгашт огоҳ набуданд. Дар натиҷа, онҳо ба таври умум ба "Аврупо" ҳамчун макони бозгашт истинод карданд.*

# ПРОФИЛИ ДЕМОГРАФӢ ВА ИҶТИМОӢ-ИКТИСОДИИ МУҲОҶИРОН

**Рейтинги омилҳои муҳоҷират аз Тоҷикистон дар соли 2023 (хол)**

0 = иртибот надорад, 1 = хеле муҳим, 2 = муҳим нест, 3 = на онқадар муҳим, 4 = муҳим, 5 = хеле муҳим

**4.2**
Даромади паст дар Тоҷикистон

**4.2**
Кам будани имкониятҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон

**3.8**
Барои дарёфти имкониятҳои (беҳтари) корӣ дар хориҷа

**3.8**
Барои ҷустуҷӯи шароити беҳтари зиндагӣ дар хориҷа

**3.3**
Мушкилоти молиявӣ/қарзҳо

**3.2**
Шартномаи корӣ/ӯҳдадориҳои корӣ дар хориҷа гирифта шудааст

**2.7**
Масъалаҳои оилавӣ (ҳамроҳ шудан ба оила дар ҷои дигар, издивоҷ ва ғ.)

**2.7**
Беқурбшавии асъор дар ватан

**2.4**
Маориф/таҳсилот

**2.3**
Барои муолиҷаи тиббӣ/сабабҳои саломатӣ

**1.8**
Таҳримҳои иқтисодӣ (Федератсияи Русия)

**1.0**
Низоъ ва вазъи умумии амният дар ватан

**0.9**
Ҳодисаҳои/офатҳои табиӣ/тағйирёбии иқлим дар хориҷа

**0.9**
Поймолсозии ҳуқуқи инсон дар ватан

# МУҲОҶИРАТ ( БЕРУН АЗ ВАТАН)| БА ВИЛОЯТҲО/ МИНТАҚАҲО

Зиёда аз се ду ҳиссаи муҳоҷирон аз маҳалҳои зисти тадқиқотӣ аз Ноҳияҳои Тобеи Марказ (36%) ва вилояти Хатлон (32%) мебошанд. Дар зинаи сеюми шумораи муҳоҷирон (16%) аз шаҳри Душанбе ва баъдан Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (10%) қарор доранд. Танҳо шаш дарсади муҳоҷирон аз вилояти Суғд мебошанд. Тақрибан сеяки муҳоҷирон аз ноҳияи Рӯдакӣ мебошанд, ки ин ноҳия дар ҳудуди Ноҳияҳои Тобеи Марказ ҷойгир аст. Дар зинаи дуюм бо шумораи бештари муҳоҷирон аз ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон (12%) ва дар зинаи сеюм бо шумораи бештари муҳоҷирон аз ноҳияи Сино (12%) мебошад, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ҷойгир аст.

Муҳоҷирон | Аз рӯи вилоят




### Муҳоҷирон (берун аз ватан) |Тамоюлҳои солона

Тибқи тахмини маълумотдиҳандагони калидии МПҲ, шумораи умумии муҳоҷирон дар соли 2021 нисбат ба соли қаблии 2020 ба таври назаррас, дар ҳудуди 14% афзоиш ёфтааст. Пас аз ин афзоиши назаррас, дар соли 2022 нисбат ба соли 2021, дар ҳудуди 19% дида мешавад ва афзоиши минбаъдаи 30 дарсад дар соли 2023 ишора шудааст. Маълумот барои соли 2024 танҳо то моҳи апрел мавҷуд аст, вале эҳтимол аст, ки то охири сол тамоюл боз афзоиш ёбад, вале дар ҳар сурат, бо соли гузашта муқоиса карда намешавад.

Тағйирёбӣ дар шумораи муҳоҷирон (берун аз ватан) дар солҳои мушоҳидашуда мураккабии динамикаи муҳоҷиратро нишон медиҳад. Ҳарчанд маълумоти пешниҳод-шуда арзишмандтар аст, зарурати таҳқиқоти мукаммалтар барои дарки ҳамаҷонибаи ин тағйирёбӣ зарур аст.

Гузаронидани тадқиқоти иловагӣ имкон медиҳад, ки омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва геополитикиро, ки ба тамоюлҳои мухталифи муҳоҷират мусоидат мекунанд, ва ба таври муфассал таҳқиқ шуда ба дахолати бештари огоҳона дар қабули қарорҳои сиёсӣ замина эҷод кунад.

Муҳоҷирон (берун аз ватан) |Тамоюлҳои солона



# ҲАРАКАТИ ДОХИЛӢ

# МУҲОҶИРОНИ ДОХИЛӢ

Дар даври сеюми ҷамъоварии маълумотҳо, маълумотдиҳандагони асосии МПҲ аз 135 маҳалҳои зист (14 фоизи маҳалҳои зисти тадқиқотӣ) мавҷудияти муҳоҷирони дохилиро дар маҳалхои зисти худ тасдиқ карданд.

Маълумотдиҳандагони асосӣ таъкид карданд, ки 3133 шаҳрвандони Тоҷикистон дар маҳалҳои зисти тадқиқотӣ муҳоҷирати дохилӣ кардаанд. 84 дарсади муҳоҷирони дохилӣ дар дохили ҳамон шаҳрҳо ва ноҳия ҷои худро иваз кардаанд.

35 дарсади муҳоҷирони дохилӣ ба Ноҳияҳои Тобеи Марказ к, баъдан ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (25%), вилояти Хатлон (21%), шаҳри Душанбе (18%) ва вилояти Суғд (0,4%) кӯчидаанд.

Гузашта аз ин, шумораи бештари муҳоҷирони дохилӣ аз маҳалҳои зисти тадқиқотӣ дар шаҳри Хоруғ (25%) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, баъдан дар ноҳияи Рӯдакӣ (25%) ва шаҳри Бохтар (25%) ба қайд гирифта шудааст ва 18 фоиз дар вилояти Хатлон вокеъ гардидааст.

### Сабабҳои муҳоҷират

Ҳангоми пурсиш дар бораи сабабҳои муҳоҷирати дохилӣ, аввалин сабабҳои муҳоҷирати дохилӣ ҳамчун сабабҳои иқтисодӣ/кор/меҳнат (66%) зикр гардид. 18 дарсад мушкилоти манзилӣ доштанд, аз ҷумла тахриби ба нақша гирифташудаи биноҳо[7] ва кӯчидан ба хонаҳои нав/калонтар (18%). Аммо ҳафт дарсади сабабҳои муҳоҷират омӯзиш ва шаш дарсад сабабҳои номаълум доштанд. Пас аз он зимистони сахт (2%), масъалаҳои оилавӣ (0,4%), хушксолӣ (0,3%), дигар (0,3%) ва масъалаҳои вобаста ба иқлим (0,2%) зикр гардидаанд.

Сабабҳои муҳоҷират




*7. Дар асоси кодекси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе биноҳо тибқи нақшаи тахриб ва биноҳои нави маъмурию истиқоматӣ бунёд карда мешаванд. . Манбаи маълумот: https://tajsohtmon.tj/tj/konun/96-kodeksi-sharsozii-umurii-toikiston.html*

# ҲАРАКАТИ МУҲОҶИРОНИ ДОХИЛӢ

Дар давраи сеюми ҷамъоварии маълумотҳо, маълумотдиҳандагони асосии МПҲ аз 167 маҳалҳои зист (18 фоизи маҳалҳои зисти тадқиқотӣ) мавҷудияти муҳоҷирони дохилиро дар маҳалҳои зисти худ тасдиқ карданд.

Маълумотдиҳандагони асосӣ зикр карданд, ки 7605 шаҳрвандони Тоҷикистон аз маҳалҳои зисти тадқиқотӣ муҳоҷирати дохилӣ кардаанд. Тақрибан аз се ду ҳиссаи муҳоҷирон (62%) танҳо дар дохили як ноҳия ҷой иваз кардаанд.

Зиёда аз нисфи муҳоҷирони дохилӣ (56%) аз шаҳри Душанбе кӯчида буданд, дар ҷои дуюм Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (20%), баъд аз он Ноҳияҳои Тобеи Марказ (13%) ва вилоятҳои Хатлон (10%) ва Суғд (1%).

Илова бар ин, се ноҳияҳои асосии муҳоҷирони дохилӣ ноҳияҳои Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе (19%), шаҳри Хоруғ (13%) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияи Исмоили Сомонӣ (13%) низ дар шаҳри Душанбе ҷойгир шудаанд.

## Сабабҳои муҳоҷират

Ҳангоми пурсиш дар бораи сабабҳои муҳоҷирати дохилӣ, сабаби аввалиндараҷаи муҳоҷирати берун аз маҳалҳои зисти тадқиқотӣ масъалаҳои вобаста ба манзил, аз ҷумла тахриби нақшавии биноҳо[8] ва кӯчидан ба хонаҳои нав/калонтар (43%) ва пас аз он сабабҳои иқтисодӣ/кор/меҳнат (37%) ва зимистони сахт (16%) зикр гардид. Аммо ду дарсади сабабҳои муҳоҷират маълум набуданд. Сабабҳои муҳоҷирати боқимонда аз маҳалҳои зисти тадқиқотӣ вобаста ба мушкилоти иқлим (0,6%), обхезӣ (0,3%), масъалаҳои оилавӣ (0,2%), таҳсил (0,1%) ва хушксолӣ (0,1%) зикр шудаанд.

Сабабҳои муҳоҷират




*8. Дар асоси кодекси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе биноҳо тибқи нақшаи тахриб ва биноҳои нави маъмурию истиқоматӣ бунёд карда мешаванд.. Манбаи маълумот:* https://tajsohtmon.tj/tj/konun/96-kodeksi-sharsozii-umurii-toikiston.html

# ДАСТРАСӢ БА ХИЗМАТРАСОНИҲО, ТАНДУРУСТӢ ВА ХОДИСАҲОИ ВОБАСТА БА МУҲИТИ ЗИСТ

## ДАСТРАСӢ БА ХИЗМАТРАСОНӢ

Дар даври сеюми ҷамъоварии маълумотҳо, дастаи мутахассисон оид ба ҷамъоварии маълумотҳои МПҲ бо маълумотдиҳандагони асосӣ дар бораи мавҷудияти хизматрасониҳо дар ҷои зисти худ мусоҳиба барпо намуданд. Бозёфтҳо камбудиҳои ҷиддиро дар соҳаи инфрасохтор ошкор карданд: 48 дарсади маҳалҳои зист дастрасӣ ба дармонгоҳ, 91 дарсад ба бемористон, танҳо 6 дарсад ба марказҳои тандурустии бемории сил, 76 дарсад ба бозорҳо, 4 дарсад ба оби нӯшокии бехатар надоштанд. Дар маҳалҳои тадқиқотӣ, 21 дарсад мактаб надоштанд, 6 дарсад ба интернети мобилӣ дар маҳаллаҳои худ дастрасӣ надоштанд ва 73 дарсад ба бонкҳо, банкоматҳо ё шӯъбаҳои почта дар маҳалҳои зисти худ дастрасӣ надоштанд.

**Мавҷудияти хизматрасониҳо дар дохили маҳалҳо**

| Хизматрасониҳо | Бале | Не |
|---|---|---|
| Клиника | 52% | 48% |
| Беморхона | 9% | 91% |
| Маркази сил | 7% | 93% |
| Интернет | 94% | 6% |
| Бозор | 24% | 76% |
| оби нушокӣ | 96% | 4% |
| Мактаб | 79% | 21% |
| Бонк, банкомат, почта | 27% | 73% |

## МАВҶУДИЯТИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР МАСОФАИ ДУР

Маълумотдиҳандагони асосӣ дар бораи масофа ба муассисаҳои хидматрасонӣ, агар онҳо дар маҳалҳо дастрас набошанд, пурсон шуданд. Дар асоси мушоҳидаҳои маълумотдиҳандагони асосӣ , дар 48 дарсади маҳалҳои зист, ки дармонгоҳ надоштанд, беш аз 7,500 оила маҷбур шуданд, ки беш аз панҷ километр масофаро тай кунанд, то ба дармонгоҳҳои тиббӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Дар аксарияти (91%) маҳалҳои зист, ки беморхона надоштанд, беш аз 3,000 оила маҷбуранд, ки зиёда аз 25 километр масофаро тай кунанд, то ба беморхонаҳои дар ҷойҳои дигар дастрасӣ пайдо кунанд. Дар 76 дарсади маҳалҳои зист, ки бозор надоранд, беш аз 25 000 оилаҳо барои дастрасӣ ба бозори наздиктарин бояд беш аз 10 километр масофаро тай кунанд. Дар 4 дарсади маҳалҳои зист, ки манбаи оби нӯшокии бехатар надоранд, беш аз 4000 оила барои дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар бояд се километр ё бештар аз он роҳро тай кунанд. Дар 21 дарсади маҳалҳои зист, ки мактаб надоранд, беш аз 13 000 оила дар масофаи камтар аз 3 километр ба муассисаҳои таълимӣ дастрасӣ надоштанд. Дар 6 дарсади маҳалҳои зист, ки интернети мобилӣ надоштанд, беш аз 3000 оила барои дастрасӣ ба интернети мобилӣ бояд беш аз 5 километрро тай кунанд. Дар 73 дарсади маҳалҳои зист, ки бонк, банкомат ё почта надоштанд, беш аз 4000 оила барои дастрасӣ ба бонк, банкомат ё почта бояд 15 километр ё бештар аз он роҳро тай кунанд то, ки ба наздиктарин бонк, банкомат ё почта дастрасӣ пайдо кунанд.

МАСОФА ТО ИНШООТИ НАЗДИКТАРИН ДАР БАЙНИ МАҲАЛҲОЕ, КИ ИН ИНШООТҲО МАВҶУД НЕСТ

| Масофаи сафар | Клиника | Беморхона | Маркази бемории сил | интернет | Бозор | Оби нӯшокии бехатар | Мактаб | Бонк, банкомат,почта |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи хонаводаҳо | | | | | | | |
| 0-5 КМ | 105,959 | 139,192 | 75,056 | 8,101 | 115,458 | 6,597 | 43,265 | 111,062 |
| 6-10 КМ | 6,309 | 73,654 | 97,878 | 3,059 | 58,512 | 500 | 357 | 43,501 |
| 11-15 КМ | 781 | 17,497 | 25,548 | 603 | 16,201 | 0 | 0 | 4,387 |
| 16-20 КМ | 305 | 3,875 | 19,411 | 0 | 3,375 | 0 | 0 | 1,342 |
| 21-25 КМ | 157 | 2,478 | 20,742 | 0 | 2,928 | 0 | 0 | 750 |
| Зиёда аз 25 КМ | 211 | 3,085 | 23,968 | 0 | 3,474 | 0 | 0 | 541 |
| Шумораи умумии хоҷагиҳо | 113,722 | 239,781 | 262,603 | 11,763 | 199,948 | 7,097 | 43,622 | 161,583 |

# ОСЕБПАЗИРӢ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Аз маълумотдиҳандагони калидии бахши тандурустӣ хоҳиш карда шуд, ки дар бораи осебпазирӣ ва бемориҳои вазнин маълумот пешниҳод кунанд. Тибқи ҳисобҳои онҳо, 13358 ҳолати тасдиқшуда ва фаъоли маъюбиятҳои табобатнашуда ба қайд гирифта шудааст. Илова бар ин, дар се моҳи пеш аз ташхис 6,385 ҳолатҳои бемориҳои роҳи нафас сабт шудааст. Масъалаҳои вобаста ба солимии равонӣ низ назаррас буданд ва 1,904 ҳолатҳо ба қайд гирифта шудаанд. Дар муддати ҳамон семоҳа 1487 нафар бо бемории пӯст ба қайд гирифта шудааст. Бемории сил низ паҳн шуда, 1029 ҳолатҳои фаъол ҳангоми арзёбӣ муайян карда шудаанд.

Ҳолатҳои фаъоли бемориҳо/осебпазирӣ

| Маъюбият | Бемориҳои роҳҳои нафас | Солимии равонӣ | Бемориҳои пӯст | Бемории сил |
|---|---|---|---|---|
| (Ҳамаи ҳолатҳои тасдиқшуда ва фаъол) | (Ҳолатҳое, ки дар 3 моҳи охир ба қайд гирифта шудаанд) | (Ҳамаи ҳолатҳои тасдиқшуда ва фаъол) | (Ҳолатҳое, ки дар 3 моҳи охир ба қайд гирифта шудаанд) | (Ҳамаи ҳолатҳои тасдиқшуда ва фаъол) |
| **13,358 ҳолат** | **6,385 ҳолат** | **1,904 ҳолат** | **1,487 ҳолат** | **1,029 ҳолат** |

# ҲОДИСАҲОИ ВОБАСТА БА МУҲИТИ ЗИСТ

Тоҷикистон, кишварест, ки ба офатҳои табиӣ хеле осебпазир аст. Мувофиқи додаҳои маълумотдиҳандагони асосӣ, ярч/сел аз ҷумлаи офати табиии бештар ба қайд гирифташуда дар соли 2023 буд, ки дар натиҷаи он 71 ҳодиса ба 33 хонавода таъсир расондааст. Баъдан ҳолатҳои обхезӣ ба назар мерасанд, ки дар натиҷаи он 69 ҳодиса ба 28 хонавода осеб расондааст. Сармои шадид ва тӯфони барфӣ 3 ҳодисаро ташкил дод, ки камтар аз як дарсади хонаводаҳоро фаро гирифт. 5 ҳодисаи тарма ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа ба 58 хоҷагӣ ва 2 ҳолати хушксолӣ ба 65 хонавода зарар расонидаанд. Дар натиҷаи 9 ҳодисаи заминларза 30 хоҷагӣ зарар дидаанд ва 6 ҳодисаҳои борон/шамоли шадид ба 21 хонавода осеб расонидаанд.

ҲОДИСАҲОИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ДАР СОЛИ 2023

| | Шумораи ҳодисаҳо | Фоизи хонаводаҳои зарардида |
|---|---|---|
| Хушксолӣ | 2 | 65% |
| Тармаҳо | 5 | 58% |
| Лағжиш/Селҳо | 71 | 33% |
| Заминларза | 9 | 30% |
| Обхезиҳо | 69 | 28% |
| Борони шадид/шамол | 6 | 21% |
| Ҳавои хунуки шадид/ тӯфон | 3 | <1% |

# ҲОДИСАҲОИ ВОБАСТА БА МУҲИТИ ЗИСТ

Ҳангоми пурсишҳо дар бораи оқибатҳои офатҳои табиӣ, маълумотдиҳандагони калидӣ талафоти моликиятҳоро ҳамчун мушкилоти муҳимтарин муайян карданд ва ба он дараҷаи миёнаи 3,2 аз 5 дараҷаро доданд. Пас аз он талафоти маҳсулоти кишоварзӣ (3,0), норасоии об барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ (2,9), талафоти иқтисодӣ (2,9) ва зарари манзил (2,8) зикр гардиданд. Дигар мушкилоти назаррас аз авҷу хуруҷи бемориҳо (2,7), нарасидани оби тозаи ошомиданӣ (2,7), кам шудани ҳосил (2,4), талафоти чорво (2,2), нарасидани ғизо (2,2), бемориҳои чорво (2,2) ва танаффусҳои мактабӣ, ки як моҳ ё бештар аз он давом мекунанд (2.1) иборат мебошанд. Инчунин, афзоиши сатҳи муҳоҷират аз деҳа (1,7), афзоиши мунокишаҳо дар сатҳи деҳа (0,8) ва афзоиши шиддат (зӯроварӣ) дар сатҳи хоҷагиҳо (0,8) ҳам ҳарчанд бо дараҷабандии пасттар, вале дар ҳар сурат зикр шудаанд.

**Рейтинги таъсири ходисаҳои (офатҳои) табиӣ дар соли 2023 (хол)**

0 = қобили татбиқ нест, 1 = хеле муҳим, 2 = муҳим нест, 3 = каме муҳим, 4 = муҳим, 5 = хеле муҳим

**3.2** Талафоти дороиҳо

**3.0** Талафоти маҳсулоти озуқавории кишоварзӣ

**2.9** Нарасидани об барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ

**2.9** Талафоти иқтисодӣ (вайроншавии воситаҳои зиндагӣ)

**2.8** Зарари манзил/аз даст додани манзил

**2.7** Сар задани беморӣ (инсон) / масъалаҳои вобаста ба саломатӣ

**2.7** Норасоии оби нушокии бехатар

**2.4** Норасоии ҳосил / бемориҳо

**2.2** Талафоти чорво

**2.2** Норасоии ғизо

**2.2** Бемориҳои чорво

**2.1** Кӯдакон маҷбур шуданд, ки таҳсилро қатъ кунанд (барои 1 моҳ ё бештар аз он)

**1.7** Афзоиши муҳоҷират/аз деҳа рафтан

**0.8** Афзоиши низоъ/зӯроварӣ дар деҳа

**0.8** Афзоиши шиддати хонаводагӣ/зӯроварӣ

Funded by
the European Union

IOM
UN MIGRATION

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Agency for Development
and Cooperation SDC**